**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи **Анварзода Мавҷуда Анварӣ «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»**, барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Устод С. Айнӣ дар таърихи илму адаби тоҷик на танҳо адиби забардаст, балки ба унвони забоншинос, адабиётшинос, фолклоршиносу шевашинос, луғатшиносу луғатнигор, муҳаққиқи таърихи миллати тоҷик, драматург ва воқеанигори чирадаст шинохта шудааст. Осори ӯ ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, дар муаррифии халқи тоҷик назди ҷаҳониён саҳми бузург доранд.

Осори устод С. Айнӣ наздик ба сад сол аст, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб кардааст ва донишмандони соҳаҳои гуногун ба таҳқиқи масъалаҳое дар осори адиб даст задаанд, ки ба равияҳои илмии онҳо мансубият доранд. Ин аст, ки дар ин муддат доир ба ҷанбаҳои зиёди осори адиб таҳқиқот анҷом гирифтааст. Бо вуҷуди ин масоили ҳалнашуда дар баррасии масоили забонии осори адиб кам нестанд. Яке аз масъалаҳои ба таври кофӣ матраҳнашуда таркиби луғавии осори адиб ба шумор меравад. Махсусан, қабатҳои луғавии соҳавӣ, ки дар осори адиб ҷойгоҳи хоса доранд ба таври бояду шояд мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд. Таҳқиқи қабатҳои луғавии соҳавии забонамон, махсусан, аз он ҷиҳат мубрам мебошад, ки ба он таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёд аст. Сарвари давлат дар сухани табрикотиашон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ 05.10.2023 ба масъалаи таҳқиқи калимаю истилоҳоти соҳавӣ таваҷҷуҳи мутахассисонро ҷалб карда, дастур дода буданд, ки ҷамъоварӣ ва ба дар шакли луғатномаҳо пешниҳод кардани калимаю истилоҳоти соҳавӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳаққиқон ба шумор меравад. Ин аст, ки муҳаққиқони

соҳавӣ ба ин масъала бояд бо ҷиддият муносибат кунанд. Дар ин замина, ба масъалаи калима ва истилоҳоти ҳунармандӣ даст задани унвонҷӯ **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** ва таҳти унвони «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» рисолаи илмӣ пешниҳод кардан **саривақтӣ** ва **мубрам** ба шумор меравад.

Муҳаққиқ Анварзода Мавҷуда Анварӣ сараввал ба дараҷаи омӯзиши масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, асару мақолаҳои доир ба осори С. Айнӣ нигошташударо мушикофона омӯхта, маълум намуд, ки ба масъалаи баррасии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо» то ҳол рисолаи махсуси диссертатсионӣ нашудааст. Ин ҳолат бори дигар мубрам будани мавзуи таҳқиқро таъкид менамояд.

**Мақсади асосии таҳқиқ** муайян намудани хусусиятҳои вожагонию маъноӣ ва баррасии калимасозии маводи марбут ба ҳунармандӣ дар асоси «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки унвонҷӯй дар як муддати кутоҳ маводи марбут ба масъалаи вожаю истилоҳоти ҳунармандиро аз «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ гирдоварӣ кард, ки дар ҳақиқат ганҷи бебаҳои забониро мемонанд. Бо доштани ин ганҷи бебаҳо мутобиқи мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузошта онҳоро ҷиҳати баррасии илмӣ гурӯҳбандӣ карда, ба таҳқиқи масъала пардохт.

Зимни таҳқиқ унвонҷӯй аз усули таҷзияву таҳлили ҳамзамонию таърихӣ, ташреҳи мавод, сохторшиносӣ, аз усулҳои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, тафсирӣ ва оморӣ истифода менамояд, ки ба ҳамин гуна корҳо мувофиқ аст.

Диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, 8 фасл, 28 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замимаи Луғати вожаю истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ иборат аст.

Зимни муқаддиманависӣ мутобиқи дастуроти муқаддиманависӣ амал карда, талаботи мавҷудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ном дошта, ба таҳқиқи хусусиятҳои вожагонии вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар асари мазкур бахшида шудааст. Махсусан, таҳқиқи вожаҳою истилоҳоти ҳунармандии марбут ба дузандагӣ, пушок ва номи порчаю матоъ аҳаммият дода, зимнан, мансубияти пушиданиҳоро ба занонаю мардона ва истилоҳоти умумии миёни зану мард таҳқиқи илмӣ мешаванд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Сохтори вожаҳою истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» ном дошта, дар 4 фасли он моҳияти таҳқиқи сохтории вожаҳою истилоҳоти ҳунармандӣ мавриди баррасии илмӣ қарор мегиранд. Дар ин боб хусусиятҳои сохтани калимаҳои марбут ба ҳунармандӣ бо пасвандҳои **-чӣ, -гар, -ӣ//-гӣ, -ак, -ча, -дон, -зор, -ин//-гин, -а, -бон, -нок** ва **–манд** мавиди баррасии илмӣ қарор гирифта, маҳсулнокии онҳо дар сохтани вожаҳои марбут ба ҳунармандӣ муайян гардидааст, ки ин ҳолат тавассути таҳқиқи алоҳидаи ҳар яке аз пасванд ба даст омадааст.

Ҳамчунин, дар ин боб доир ба таҳқиқи калимаҳои мураккаби марбут ба ҳунармандӣ иқдом шуда, онҳо ба се гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст, калимаҳои мураккаби тобеъ ва калимаҳои типи омехта дар соҳаи ҳунармандӣ тақсим шуда, мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, қолибҳои калимасозии онҳо муайян гардидаанд, ки барои ошкор сохтани ташаккули калимаҳои мураккаби марбут ба ҳунармандӣ дар забони осори адибони баъдии адабиётамон моҳияти зиёди илмӣ дорад.

Кори муҳаққиқ маҳз дар он аст, ки дар баррасии яке аз қабатҳои муҳимми луғавии осори устод С. Айнӣ – калимаю истилоҳоти ҳунармандӣ

кори нахустини диссертатсионӣ буда, дар рушди **масоили амалию назариявии соҳа** саҳми муносиб ба шумор меравад

Диссертатсияи Анварзода Мавҷуда Анварӣ «Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» мутобиқи мазмуну моҳият барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), комилан, мувофиқ мебошад.

Хулосаи диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия ба мазмуну моҳияти рисола пурра муносиб буда, аҳаммияти умумии кори диссертатсиониро фаро гирифтаанд.

Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ дар конференсия ва мақолаҳои илмии муаллиф акс ёфтаанд ва автореферати кор мазмуни асосии рисоларо дар бар мегирад.

Роҳбари илмӣ муовини раиси Кумитаи забон ва
истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ,
д.и.ф., узви вобастаи АМИТ С. Раҳматуллозода

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: saxidodi@list.ru Тел.: +992 (37) 227 59 38;
+992 (37) 227 78 29; дастӣ: (992) 919 00 21 78.

« 2 » 09 2024 с.

Имзои С. Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.
Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Абдуллоев

« 2 » 09 2024 с.